**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳасанова Шаҳноза Музафаровна дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи тамаддуни ҷаҳонӣ буда, аъзои комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, ҳуқуқи байналмилалӣ бошад қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бевосита ба рушди он дар шароити бархӯрди тамаддунҳо ва таҳдидҳои падидаи ҷаҳонишавӣ таъсири худро мерасонад. Илми ҳуқуқшиносии муосир бисёр роҳҳо ва воситаҳои таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилиро пешниҳод мекунад, ки дар ниҳоят раванд ва параметрҳои рушди низоми ҳуқуқии давлатро муайян мекунанд. Ҳар қадаре ки давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ иштирок кунад, ҳамон қадар вобастагии он аз ҷомеаи байналмилалӣ бештар мебошад, ва ба ҳамон андоза низоми ҳуқуқии ин ё он давлат барои амали бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ кушода мебошад ва давлат афзалияти ҳуқуқи байналмилалиро эътироф мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши назарияҳои асосии мавҷудаи ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, муайян кардани нуктаҳои асосии таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии давлатҳо дар шароити тамоюли рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ, мадди назар кардани талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби давлатҳои абарқудрат хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Рисолаи диссертатсионии Ҳасанова Шаҳноза Музафаровна дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» аввалин таҳқиқоти ҳамаҷониба вобаста ба таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад, ки дар доираи барномаи панҷсолаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 дар мавзуи "Масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ягон таҳқиқоти комплексӣ ва ҳаматарафа, ки ба масоили умумии назариявии таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии давлатҳо бахшида шуда бошад, гузаронида нашудааст. Бо дарназардошти ин, рисолаи доктори (PhD)-и Ш.М. Ҳасанова аз он сабаб ахамияти махсус пайдо мекунад, ки он ба яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқгардида дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик, яъне омӯзиши асосҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар зери таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст.

Бояд таъкид кард, ки Ш.М. Ҳасанова дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи осори олимони ватаниву хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи кунунӣ ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ аз як тараф ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ ва соҳибихтиёрии давлат ва аз тарафи дигар, аз ҷониби давлат ба риоя ва ҳифзи арзишҳои умумитамаддуние, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ифода гардидаанд ва ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ эътироф шудаанд, амалӣ карда шавад.

Қисмати муҳимми рисолаи илмӣ аз ҷониби диссертант ин таҳқиқоти асосҳои назариявии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва

байналмилалӣ; истифодаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққкунӣ, инчунин пешниҳоди таклифу пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, дар диссертатсия ба ҳолати кунунӣ ва дурнамои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, дар он масоили рушди минбаъдаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, шаклҳои татбиқи (имплементатсияи) ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизмҳои ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод гардидаанд.

Мавқеи диссертант оид ба масъалаҳои асосии дар рисола ба миён гузошташуда дар маърӯзаҳои илмии муаллиф дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ баён шудааст.

Дар диссертатсияи Ш.М. Ҳасанова хулосаҳои назариявӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон бо назардошти рушди ҳуқуқи байналмилалӣ дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ хеле муҳиманд. Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсияро дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мақомоти судӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди амалигардонии ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби онҳо, ки метавонанд ба такмили шаклу методҳои фаъолияти онҳо мусоидат намоянд; дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ, курсҳои махсус ва дигар фанҳои соҳавии ҳуқуқи байналмилаӣ; дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ зимни таҳияи

масоили ҳамкории ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи Ҳасанова Шаҳноза Музафаровна, муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар он овардашуда ба тамоми талаботҳои рисолаҳои доктори илмҳои фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, онро метавон ба ҳимоя пешниҳод кард ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Муовини саркотиби илмии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нематов А.Р.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025
ш. Душанбе, ҳ. Рӯдаки 33
Тел: 992 93 112 11 88
E-mail: anematov@rambler.ru

Имзои Нематов А.Р.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус__________Т. Акрамзода

«10» декабри 2024 с.